РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ МУБОРАК БОД!

Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан

# Молия ва иқтисод



№ 05 (118)
14 ноябри
2018

Оғози нашр: 7.03.2013 // Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

www.tgfeu.tj




Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони ИДМ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳар он чӣ ки дар Тоҷикистон ба амал меояд, барои бисёр халқҳо ва кишварҳо намунаи ибрат аст.

Владимир Путин, Президенти Федератсияи Русия

На ба ҳама сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ муяссар мегардад, ки бузургтарин неъмат- умед ва зиндагии осоиштаро дар дили мардумаш ҳифз карда, халқро аз парокандагӣ, миллатро аз нестшавӣ ва давлатро аз завол наҷот диҳад.

Марзуқ Алӣ ал Ғаним, раиси Маҷлиси Уммаи Давлати Кувайт

Мо саҳми Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими ваҳдати халқи тоҷик, пешрафти кишвар, ҳамчунин дар рушди сиёсиву иқтисодӣ баланд арзёбӣ мекунем. Дар ин давраи кӯтоҳи таърихӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муваффақиятҳои калон ноил шуда, узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ гашт.

Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон

Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ интизор буд ва умед мекашид, ки аз Мовароуннаҳр боз нафаре пайдо хоҳад шуд, ки тамоми форс-тоҷикдаризабононро аз нав дар Шарқ муттаҳид менамояд. Имрӯз ман мегӯям, ки он нафар Сарвари давлати Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аст.

Офтоби Асғар, профессор, устоди бахши форсии Донишгоҳи ховаршиносии Панҷоби Покистон

## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - АСОСГУЗОРИ ДАВЛАТДОРИИ МУОСИРИ ТОҶИК

Боиси ифтихор аст, ки ҳамасола санаи 16-уми ноябр дар саросари кишвар ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад.

Маҳз иродаи мардум ва меҳру садоқат ба хизматҳои бузурги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мардуми шарафманди кишвар аҳамияти калидии ин ниҳоди давлатиро дар ҳифзу тараққии давлатдории миллӣ дарк намуда, ин рӯзро ба хотири қадрдонию сипос ба тамоми он арзишҳои баланди давлатию миллӣ ва шаҳрвандие ҷашн мегиранд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили конститутсионии онҳо фаъолият мекунад. Аз ин рӯ, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашни ҳар як шаҳрванди худшиносу ватандӯст ва ҷашни ҳар як сокини озоду осудаи Тоҷикистони азиз мебошад.

Таърих нишон медиҳад, ки ҳама гуна ҷомеа, чи хурду чи бузург ва чи тавоною чи заиф ниёз ба роҳбари хирадманду оқил, доною тавоно дорад. Ҳамчунин дар оилае, ки сарвари он инсони оқилу ҳушманд аст, фарзандон инсондӯсту меҳнатқарину боодоб тарбия меёбанд, кишваре, ки бар садри худ роҳбари доною хирадманду дурандеш дорад, дар он кишвар адолати ҳақиқӣ барқарор ва пойдор мемонад.

Таърих гувоҳ аст, ки оғози ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистонро ҷанги таҳмилӣ фаро гирифта, озмоишҳои азим вобаста ба қатъ гардидани робитаҳои хоҷагӣ байни корхонаҳо, аз даст додани бозорҳои анъанавии фурӯш, камбудии ҷиддии захираҳои молиявӣ, муқовимати сиёсию ҷанги шаҳрвандӣ, набудани волояти қонун ва муборизаи қувваҳои гуногуни сиёсӣ вазъи сиёсию иқтисодии мамлакатро мураккаб ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодиро имконнопазир намуда, ба иқтисодиёти кишвар зарари калон расонид, ки бештар аз 10 млрд. доллари амрикоӣ баҳогузорӣ мешавад. Дар ин давра рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ 67,4% коҳиш ёфта, вазъи зиндагиро мураккаб сохт.

Бояд гуфт, ки нақши шахсият муҳимтарин нукта дар мавҷуд будани худи шахсият аст, ки дорои чунин сифатҳои дар боло зикршуда мебошад.



Зеро таърих гувоҳ аст, ки кишварҳое дар даврони мушкилоташон ё ҷангу кашмакашиҳо бо надоштани роҳбари доною шуҷоъ раҳгумзадаанд, то кунун дар гирдоби ҷанганд ё тамоман ба нобудӣ расидаанд.

Аз ин нуқтаи назар, дар печидатарину ҳассостарин лаҳзае аз таърихи давлатдории тоҷик ба майдони сиёсат ворид шудани Эмомалӣ Раҳмон барои миллати мо ҳадяи тақдир ва муваффақияти хоссест. Зеро бо шарофати хиради азалӣ, бебокии сиёсӣ, иродаи матин, вижагиҳои ахлоқӣ ва истеъдоди фардии ӯ Тоҷикистон аз хатари пора шудану ба нобудӣ расидан раҳо гашт ва дар кӯтоҳтарин муддати таърихӣ тамоми вижагиҳои давлати мустақил ва устувортарин низоми сиёсиро соҳиб гардид. Дар тӯли 27 соли истиқлолият як силсила мушкилоту монеаҳои мавҷудаи ҷомеаи навин бартараф гардида, таҳкурсии давлати соҳибихтиёр гузошта шуд, корҳои азими бунёдкориву созандагӣ ва ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ оғоз гардид, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар ва таъмини амнияти озуқаворӣ ба самтҳои асосӣ ва стратегии сиёсати давлатӣ табдил дода шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои иқтисодии хешро дар арсаи байналмилалӣ дар асоси меъёрҳои ҳамшарикӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд татбиқ менамояд.

С. 2

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АСОСГУЗОРИ ДАВЛАТДОРИИ МУОСИРИ ТОҶИК

Талошҳои пайгиронаи Президенти кишвар дар ин раванд пайваста ба густариши ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ равона гардидаанд, ки ин дар давраи истиқлолияти давлатӣ эътибори Тоҷикистонро дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври бесобиқа баланд бардошт.

Имрӯз Тоҷикистон на танҳо дар ҳалли масъалаҳои дохилӣ, балки бо пешниҳодҳои ҷолиб ва таҷрибаи кории Пешвои миллат дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ саҳмгузор аст. Аз ҷумла иқдоми дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфташудаи Тоҷикистон дар масъалаҳои ҳалталаби обӣ ва қабули қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид, инчунин омӯзиши сулҳу ваҳдати тоҷикон ва истифодаи ин таҷриба дар кишварҳои ҷангзада ва пешниҳоду ҳушдории ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба терроризм ва экстремизм, ки имрӯз ҳамчун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст.

Бо мақсади фароҳам овардани замина ҷиҳати рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар бо ташаббус ва дастгирии Президенти кишвар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди миллӣ барои то соли 2020 қабул гардид. Татбиқи босамари ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барқарорсозии иқтисодиёт ва ноил шудан ба сатҳи устувори макроиқтисодӣ имкон дод, ки сатҳи камбизоатӣ аз 72,4 фоизи соли 2003 то ба 31 фоиз дар соли 2015 коҳиш ёбад. Дар натиҷаи ислоҳот ва дигаргунсозиҳо тамоюли рушди иқтисодӣ дар солҳои охир таъмин гардид, ки он ба мӯътадил шудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат намуд. Амалигардонии барномаҳои қабулгардида имкон дод, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна беш аз 7 фоиз афзоиш ёбад.

Имсол таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кушодашавии чархи аввали НБО Роғун рост омада, яке аз ҳадафҳои стратегияи давлатӣ расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ амалӣ хоҳад шуд. Ҳиммати волои Пешвои миллат ва иродаи мустаҳками халқи тоҷик буд, ки ин лоиҳа ба ҳақиқат табдил ёфта, Тоҷикистон ба маъвои нур мубаддал гардидааст. Бо бунёди ин неругоҳи пуриқтидор мо ба ҷаҳониён пайғоме аз нуру равшанӣ дода, ҳамватанони худро ба раҳоӣ аз асорати торикию бебарқӣ башорат медиҳем ва ҳамсоягони худро мутмаин месозем, ки дар ояндаи наздик мо минтақаро бо неруи барқ сабзи арзон таъмин мекунем.

Таҷлили ин ҷашн ба маънои ҷонибдорӣ аз ояндаи устувори давлатдории миллӣ, аз истиқлолияти сиёсӣ ва фикрии миллат, аз низоми давлатдорӣ, аз суботу амнияти ҷомеа ва ҷонибдорӣ аз ваҳдату сарҷамъии миллат мебошад, чунки сиришти мардумӣ, эҳсоси худӣ, иродаи қавӣ ва таҷрибаи бузурги Пешвои миллат қалби ҳар шаҳрванди кишварамонро саршор аз ҳисси боварию эътимод ба фардо, ба ояндаи фарзандони худ ва ба дурнамои дурахшони давлату миллат менамояд.

**Шукрулло ХАЙРЗОДА, ректори ДДМИТ**



# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ

Рӯзи 5-уми ноябри соли равон дар толори фарҳангии донишгоҳ бахшида ба 24-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси раёсати корҳои тарбиявӣ чорабинии тантанавӣ доир гардид. Ректори донишгоҳ Хайрзода Ш.Қ. чорабиниро ифтитоҳ намуда, ҳамагонро ба ин муносибат табрику таҳният гуфт. Инчунин доир ба аҳамияти қонуни асосии кишвар ва афзалиятҳои он маърӯза намуд. Зикр гардид, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар қатори панҷгонаи беҳтарин конститутсияҳои ҷаҳон ҷой гирифтааст, ки ин боиси ифтихори ҳамагон мебошад. Дар ин росто, хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург мебошад. Конститутсия ба ҷумлаи беҳтарин санадҳо дохил шуда, мабдаъҳои ҷавҳариаш нахустасоси таъминкунандаи ҳаёти осудаи мардуми кишвар ва рушди муттасили соҳаҳои гуногуни ҷомеа ба шумор меравад.

- Ҳамагон ҷиҳати амалигардонии меъёрҳои шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баландбардории маърифати ҳуқуқию иқтисодии шаҳрвандон кӯшиш бояд кунем, - гуфт дар охир ректор.

Баъдан Ҷамрод Бобоев, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодию молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ дар мавзӯи «Нақши Конститутсия дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» маърӯза намуд. Мавсуф дар баромади худ зикр кард, ки Конститутсия яке аз дастовардҳои беназири кишвар буда, барои таъмини зиндагии шоистаи мардум мусоидат мекунад. Конститутсияи кишвар бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, фарогири манфиатҳои мардуми кишвар аст. Инчунин он дуюмин конститутсияи бо роҳи раъйпурсӣ қабулшуда дар ҳудуди кишварҳои ИДМ мебошад.

Сипас маърӯзаи донишҷӯи курси 3, факултети иқтисод ва бизнес Фаррух Бобомуродзода дар мавзӯи «Конститутсия - бахтномаи миллат» шунида шуд.

Бахши фарҳангии донишгоҳ бошад, дастагули рангини консертиро бо роҳбарии мудири бахши фарҳанг Ҷӯрамуроди Муҳаммадназар пешниҳоди ҳозирин намуд, ки он аз суруду тарона ва шеърҳо дар васфи Ватан ва муқаддасоти миллӣ иборат буд. Дар баргузории чорабинии фарҳангӣ донишҷӯёни зерин Руҳина Шокирова, Комрон Одинаев, Хисрав Бекзода, Амирҳамза Раҳимов ва дигарон иштироки фаъолона доштанд.

Ҳамин тавр, чорабинӣ дар фазои тантанавӣ ва шукргузорӣ аз сулҳу ваҳдати комили миллӣ ҳусни анҷом пазируфт.

## Фарҳангдӯст

# МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲИЯИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ



Маҳфили навбатии илмӣ-тарбиявии «Фарҳангдӯст», ки ба таври мунтазам бо ибтикори кафедраи фанҳои гуманитарӣ доир мешавад, ин навбат ба мавзӯи «Баъзе масъалаҳои методологии таҳияи корҳои илмию тадқиқотӣ» бахшида шуд. Он 31 октябр барпо шуда, профессор Ғуломҷон Мирзоев дар мавзӯи зикршуда баромад намуд. Маҳфилро Ёрибек Тилабов, муовини сардори Раёсати илм ва инноватсия ифтитоҳ намуд. Инчунин, намояндагони ҳадамоти назорат дар соҳаи маориф дар маҳфили мазкур ширкат варзиданд.

Дар маърӯза зикр гардид, ки Президенти кишвар доимо таъкид месозанд, ки мутахассисони ҷавон ба илму техника ва навгониҳо бояд таваҷҷуҳи хос дошта бошанд. Имрӯз дар воситаҳои ахбори омма ва сомонаҳои интернетӣ оид ба илми тоҷик сару садоҳои гуногун ба мушоҳида мерасанд. Яке аз камбудиҳои асосии мо он аст, ки забони давлатиамонро ба таври кофӣ намедонем ва доир ба нозукиҳои забон ва ҳусни баён бепарво ҳастем. Ҳама гуна фаъолият ва илм тавассути забон ифода меёбад. Ҳамзамон, муҳаққиқони ҷавон бояд дастгоҳи илмии таҳқиқоти худро таҳия карда тавонанд, - зикр намуд Ғ. Мирзоев.

Дар охир ба муҳаққиқону омӯзгорони ҷавон тавсия дода шуд, ки зимни иншои мақолаҳои илмӣ ба талаботи ҷойдоштаи нашрияҳо, ба монанди тартиб додани калидвожа ва аннотатсия, иқтибосоварӣ ва таҳияи тартиби адабиёт риоя намуда, дар пешбурди илм дар ҷомеа саҳмгузор бошанд.

## Маҳфил

# ҲОЛАТИ БОЗОРИ СУҒУРТАВӢ ДАР КИШВАР



Маҳфили навбатии «Иқтисод ва ҷомеа» дар ҳамбастагӣ бо маҳфили «Коршиноси иқтисодӣ» ин дафъа ба мавзӯи «Ҳолати бозори суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, алоқамандии илм ва истеҳсолотро аз тариқи фишанги суғуртавӣ баррасӣ намуд.

Дар маҳфил И. Аминов, мушовири аввали ҶДММ «Суғуртаи аввалини миллӣ», декани факултети иқтисод ва бизнес Э. Шералиев, мудири кафедраи суғурта С. Маъдиев ва устодону донишҷӯёни факултет иштирок намуданд.

Идрис Аминов дар баромади худ қайд намуд, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 ташкилоти суғуртавӣ фаъолият мебаранд, ки аз онҳо 2 ташкилоти давлатӣ ва 17 ташкилоти ғайридавлатӣ мебошад. Се шакли суғурта - суғуртаи ҳатмӣ, суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ихтиёрӣ вуҷуд дорад.

Зикр гардид, ки ташкили ассотсиатсияи суғуртакунандагон барои пешбурди соҳаи суғурта басо муҳим буда, баҳри масъалагузорӣ ва ҳалли муаммоҳои суғурта дар сатҳҳои гуногун мусоидат мекунад. Дар охири маҳфил байни иштирокчиён мубоҳиса ва саволу ҷавоб сурат гирифт.

Чорабинии мазкур давоми бевоситаи силсилабаромадҳо ва алоқамандии назария ва амалия дар робита ба масъалаҳои суғурта ва ҳамкорӣ бо созмонҳои суғуртавӣ мебошад.

**Масъули саҳифа Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

**Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон тавассути таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ҳамчунин барои гузаштан ба марҳилаи барқарорсозии иқтисодиёт ва оғози корҳои созандагию бунёдкорӣ заминаи боэътимод гузошт.**

# КОРНОМАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ИБРАТОМӮЗ АСТ



Тоҷикон ба қатори халқҳои куҳантаърихи олам дохил мешаванд. Ин халқи бошараф ҳазорсолаҳо боз дар мулки хеш бо сулҳу салоҳ ва меҳнати софдилона умр ба сар мебаранд. Дасти онҳо замини нообдоро ободу манзили хароброро ба Кохи Кубод табдил сохтааст. Замоне Искандари Мақдунӣ қасди ин диёр карду «Авасто»-и ӯро сӯзонид, арабҳо садсолаҳо ба зулму куштор дар ин диёр ҳукмронӣ карданд, муғулҳо бо ҷабру ситам ҳазорон мардуми бегуноҳро ба қатл расонида, шаҳрҳои ободи онро ба харобазор табдил доданд. Баъди ин ҳама ҳодисаҳои нангини таърихӣ аксар умед надоштанд, ки тоҷикон чун халқи бунёдӣ дигар арзи ҳастӣ мекарда бошанд.

Хушбахтона, фарҳанги волои халқи тоҷик боис шуда, ки зиндагии шоиста боз насибашон гардад. Искандари Мақдуниро мардонагии ин мардуми бошараф дар ҳайрат гузошта, арабҳо чун ташнагони дашту биёбон аз дарёи маърифати тоҷикон садсолаҳо боз об менӯшанд, муғулҳо дар ин диёри бузургону олимон танҳо иқдому пайкори накӯро омӯхтанд.

Тоҷикон боре ҳам ба сари халқи дигар ҷабру ситамро раво надидаанд, иқдоми накӯи онҳо буд, ки гузаштагон онҳоро бо номи «Ориё» - бовафо, асилзода ва наҷиб ёд кардаанд. Ҳарчанд гузаштагони мо ба хубиву накӯкорӣ иқдом гирифта бошанд ҳам, вале рӯзгор ҳамоно бахри онҳо сахтиву нокомиҳои зиёдеро насиб гардонид.

Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон абри сиёҳи ғурбат аз нав осмони диёри куҳантаърихи тоҷиконро фаро гирифт. Кишвари мо ба доми ҷанг кашида шуд. Тақдири миллат ва ҳастии давлати тоҷиконро иқдоми носазое метавонист бо нокомӣ рӯ ба рӯ созад, ки ояндагон онро ҳеҷ гоҳ намебахшиданд.

Маҳз дар ҳамин вазъи хассосу тақдирсоз Иҷлосияи 16 Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, тоҷиконро боз ба ҳам овард, дар саҳфаи таърихи халқи тоҷик бо хатти заррин номи шахсияти бузурги таърихӣ, инсони миллатдӯсту ватанпарвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сабт гардид, ки ояндагон иқдому корнамоии ӯро ҳазорсолаҳо бо некӣ ёд хоҳанд кард. Пешвои миллати тоҷик кори худро аз сулҳ оғоз кард: 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии тоҷикон ба имзо расид, ки он дар таърихи давлатдории мо таҳаввулоти ҷиддии бунёдиро асос гузошт. Сафарҳои Қаҳрамони Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишвари ҷангзадаи Афғонистон барои ба ватан баргардонидани гурезагон ҷаҳониёнро дар ҳайрат гузошт.

Худованд Пешвои миллати тоҷикро бахри пешрафти кишвару ватан офарида, ки чун офтоби тобону дурахшон ҷаҳонро бо нури маърифат ва накӯкориҳо рӯшан сохтааст. Давлати тоҷикони ҷаҳон - Тоҷикистони азиз бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба пешрафт ниҳод.

Ҳоло дастовардҳои иқтисодӣ назаррас буда, нақшаи давлатӣ дар ҷодаи бунёдкорӣ паиҳам амалӣ гардида истодааст. Дар як вақти кӯтоҳ нақбу пулҳо ва шоҳроҳҳои азими пайвасткунандаи тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ сохта шуданд. Сохтмони нерӯгоҳҳои барқии хурду калон аз рӯйи нақшаи мувофиқ дуруст ба роҳ монда шуда, дар якҷоягӣ бо сармоягузорони хориҷӣ ду агрегати нерӯгоҳи Сангтӯда I ба истифода дода шуданд ва нерӯгоҳи Сангтӯда 2 мавриди баҳрабардорист. Ҳамзамон сохтмони НОБ-и Роғун идома дорад. Албатта, ин иншоотҳои бузург дар пешрафти иқтисодии кишвар такони ҷиддӣ мебахшанд. Бешак, дар пешоҳанги ин ҳама бунёдкориҳо Пешвои муаззами миллат меистанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раҳнамои накукориҳоянд. Мардум аз иқдому корнамоиҳои ин марди шариф илҳом мегиранд. Ин аст, ки дар муддати кӯтоҳ бо раҳнамоии Президенти Тоҷикистон иншоотҳои калони саноатӣ сохта шуданд, дар ҳар як ноҳияи кишвар корхонае мавриди истифода қарор гирифт. Коркарди пахта акнун дар дохили кишвар сурат мегирад. Ба ободиву зебоии пойтахт ҳам эътибори ҷиддӣ дода мешавад, ки ҳамаи ин созандагӣ аз корнамоиҳои шахси миллатдӯсту ватанпарвар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далолат медиҳанд.

Мо - ҷавонон аз Пешвои сулҳпарвару ҷаҳонофарамон ифтихор дорем. Ояндагон аз самари заҳмату талоши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳазорсолаҳо баҳра хоҳанд гирифт. Дар саҳифаи таърихи башарият ва тоҷикон номи ин шахсияти бузурги таърихӣ бо ҳарфҳои заррин навишта мешавад, ки ҳамагонро иқдому корнамоиҳояшон дарси ибрат аст.

**Ислом ФАСЕҲЗОДА,**
**мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ**

# РОҒУН – БОЗГӮИ ҲАМДИЛИИ ТОҶИКОН

Дар шароити кунунии афзоиши рӯзафзуни эҳтиёҷот ба неруи барқ рушди соҳаи энергетика, яъне мавриди истифодаи васеъ қарор ёфтани манбаъҳои барқароршавандаи энергия аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Тоҷикистон дар ин маврид аз ҳисоби истеҳсоли барқи нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ безарар барои пешрафти иқтисодӣ имконияткои васеъ дорад. Аз тарафи дигар, сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар шароити тағйирёбии иқлим роҳи беҳтарини танзими истифода ва ҳифзи захираҳои обу энергетика мебошад. Тавассути бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ мо метавонем давлатҳои ҳамсояро бо барқ таъмин созем ва ба рушди иқтисодиёти миллӣ такон бахшем.

Рушди соҳаи гидроэнергетика яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии Ҳукумати кишвар дониста мешавад ва таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои муаззами кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳа бозгӯи ин гуфтаҳост. Иштироки бевоситаи Президенти кишвар дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун аз он шаҳодат медиҳад, ки Сарвари муаззами мо барои бунёди ин иншоот ва ҷароғон гардидани Тоҷикистони азиз ҳавасманд буда, барои таъмини зиндагии шоистаи мардум талош доранд. Аз наворҳои васоити ахбори омма борҳо дидаем, ки Пешвои муаззами миллат шахсан бо дасти худ ба сохтмони ин иншооти бузург ҳиссагузор шудаанд. Савори булдозер шуда, маҷрои дарёро бастанд, ки на ҳар як Сарвари давлат ба ин кор даст мезанад. Ин аз заминӣ ва мардумӣ будани Пешвои миллати тоҷик дарак медиҳад.

Бояд гуфт, ки Нерӯгоҳи барқи обии Роғун сохтмони азимест, ки ҳанӯз соли 1930 ба нақша гирифта шуда, соли 1960 корҳои омӯзишӣ ва соли 1976 бунёдаш оғоз гардида буд, вале сохтмонаш мавқуф гузошта шуд. Дар замони соҳибистиқлолӣ ба шарофати сиёсати созандаи Сарвари давлат ва ваҳдату сарҷамъии мардуми кишвар барои идомаи сохтмон ин нерӯгоҳ қомат меафрозад. Бе муҳобот, сохтмони ин нерӯгоҳ аз ташаббусҳои созандаи Сарвари давлатамон сарчашма мегирад. Он яке аз бузургтарин иншооти гидроэнергетикии ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Сохтмони НБО Роғун ин амалишавии орзуи деринаи халқи тоҷик дар мавриди гарму ҷароғон ва мунаввартар гардидани хонадон ва шукуфою ободгардии кишвар мебошад. Роғун нур мебахшад ба ҳар як хонадони тоҷик, ба ҳар як корхонаву мактабу муассиса. Дар сохтмони ин нерӯгоҳ саҳми тамоми мардуми кишвар дида мешавад, ҳам аз ҷиҳати молиявӣ ва аз ҷиҳати ҷисмониву зеҳнӣ. Роғунро метавон иншооти бозгӯи ваҳдати миллии тоҷикон номид, зеро дар ин макон намояндагони чандин миллату халқият ва маҳалҳо бар ба бар истода, шабу рӯз заҳмат мекашанд. Ин заҳмати ояндасоз буда, барои беҳбудии зиндагии халқ равона гардидааст.



Бешак, Тоҷикистон дорои захираҳои азими гидроэнергетикист. Ҳаҷми умумии онҳо ба зиёда аз 184 млрд.кВт.соат дар як сол баробар буда, аз ҷумла иқтидори саноатии онҳо зиёда аз 56 млрд.кВт.соат дар як сол мебошад. Кишвари мо таҷрибаи калони сохтмони НБО-ҳои хурдро низ дорад, вале мувофиқи таҳлилҳо бо назардошти зарурати таъмини эҳтиёҷоти кишвар ба энергияи электрикӣ истифодаи НБО-ҳои хурд ва ҳатто миёна низ дар шароити ҷумҳурии мо самаранок нест. Аз ин лиҳоз, танҳо сохтмони НБО-ҳои калон бароямон ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мувофиқи мақсад аст. Маҳз бо назардошти ин хусусият Ҳукумати мамлакат барои бунёди НБО-и Роғун азм гирифта, тамоми ҷораҳо ва маблағҳоро барои он равона кардааст.

Дар сурати баанҷомрасии сохтмони ин нерӯгоҳ метавон тавассути хатти баландшиддати интиқоли барқи CASA-1000 барқи Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ва минбаъд ба дигар давлатҳои эҳтиёҷманд содирот карда шавад, яъне маҳз НБО Роғун барои содир намудани қувваи барқи изофагӣ ба мамлакатҳои дуру наздик замина мегузорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз истеҳсолкунанда ба содиркунандаи қувваи барқ табдил меёбад.

Бояд гуфт, ки сохтмони НБО Роғун аслан аҳамияти иқтисодӣ дорад, зеро истеҳсоли барқи арзон барои рушди саноат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мусоидат ба густариши ҳамкории байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ дар самти содироти он мусоидат менамояд. Инчунин аҳамияти минтақавӣ ва глобалии НБО Роғун низ дида мешавад, зеро азхудкунии иқтидорҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон имконият медиҳанд, ки минтақа бо неруи барқи арзону аз нигоҳи экологӣ тоза таъмин гардад. Ин нерӯгоҳ метавонад бо иқтидори истеҳсолии худ ба манфиати умумии минтақа хизмат намояд. Нерӯгоҳ дар ҳолати пурра ба кор даромаданаш дар як сол метавонад 13,1 млрд. кВт-соат неруи барқ истеҳсол кунад. Бинобар ин, саҳми НБО Роғун дар рушди минбаъдаи кишвар назаррас арзёбӣ мегардад.

Бояд зикр намуд, ки бунёди НБО Роғун барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосир, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, таъмини фаъолияти мунтазами корхонаҳои истеҳсолӣ ва дар маҷмӯъ, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии кишвар аҳамияти ниҳоят муҳим дорад. Бо назардошти истеҳсоли неруи барқи иловагӣ дар дохили кишвар барои таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ, аз ҷумла бунёди корхонаҳои муштараки саноатӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ шароити мусоид фароҳам мегардад.



Мусаллам аст, ки инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ бо истеҳсоли неруи барқ дар НБО Роғун рабт дорад. Аз ин рӯ, ин иншоотро ҳамчун иншооти бузурги аср ва иншооти аҳамияти муҳимми стратегидошта эътироф кардан зарур аст. Ҳамзамон метавон онро шаҳодати якдилии мардуми кишвар ва таҷассумгари амалишавии орзуҳои созанда номид.

**Мастура БУРИЕВА,**
**н.и.и., мудири кафедраи омор**

Эмомалӣ Раҳмон дорои олитарин сифатҳои адолати инсонӣ, бузургдилию шуҷоат, раҳму шафқат ва қобилияти нотакрори ваҳдатофарӣ мебошад.

## Ба ифтихори Рӯзи Президент

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - НАҶОТБАХШИ МИЛЛАТ

Дар таърихи ҳар як халқу миллат фарзандони фарзонае ҳастанд, ки барои ҳифзу ҳимояи манфиатҳои миллӣ талошу ҷонбозиҳои бемисл нишон додаанд. Тоҷикон низ мардуми хушбахтанд. Хушбахтии мо доштани чунин абармардонест, ки исми худро дар саҳифаҳои таърих абадӣ гузоштаанд. Яке аз чунин симоҳои барҷаста - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон замоне зимоми давлатдории кишварро ба даст гирифтанд, ки вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар муташанниҷ буд. Маҳз дар чунин лаҳзаҳои хассоси таърихӣ Эмомалӣ Раҳмон роҳбари кишвар интихоб шуданд. Бо сар задани ҷангҳои хонумонсӯзи шаҳрвандӣ як қисми сокинон маҷбур шуда, ба кишварҳои хориҷ паноҳ бурданд. Тоҷикистон он солҳо дар сарҳати воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари ноором қарор гирифта буд. Барои ба эътидол овардани вазъият Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон борҳо бо қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва неруҳои оппозитсионӣ гуфтушунид ва музокираҳо гузарониданд. Нотарсона борҳо ба кишвари Афғонистон сафар намуда, бо ҳамватанонамон мулоқот карданд. Азм намуданд, ки то охирин гурезаи дар хориҷбударо ба Ватан баргардонанд, худро осуда эҳсос намекунанд. Ва таърих гувоҳ аст, ки ба ваъдаи худ вафо намуданд. Вазъият дар кишвар тадриҷан ором гашт ва барои баргардонидани гурезагон тамоми ҷораҳо андешида шуд.

Бешак, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз симоҳои мондагори таърихи тоҷик маҳсуб меёбанд. Дар таҳкими пояҳо ва устувории давлати миллӣ саҳми Пешвои миллат хеле калон буда, дар арсаи байналмилалӣ мақому манзалати бузургеро соҳиб гаштаанд. Имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ба кишвари сулҳофарин ва сарзамини рушдёфтае табдил ёфтааст.

Мусаллам аст, ки Эмомалӣ Раҳмон бо тадбирҳои хирадмандона ва матонату ҷасорати худ Тоҷикистонро аз вартаи ҳалокат берун оварда, мардуми парешонро сарҷамъ ва садҳо ҳазор ғурбатзадагонро ба Ватан баргардониданд. Маҳз бо иродаи он кас дар як муддати кӯтоҳ харобаҳо ба ободӣ табдил ёфта, иншооти азим ба вуҷуд омаданд. Барои ваҳдати комилу якпорчагӣ ва ба ҳам пайвастани минтақаҳои гуногуни мамлакат шоҳроҳҳо бунёд гаштанд.

Эмомалӣ Раҳмон миёни мардуми тоҷик маҳбубияти хосро пайдо намуданд. Зеро мардуми тоҷик дар симои Пешвои миллат наҷотбахшеро диданд, ки бо хиради баланд ва дипломатияи беназири худ Тоҷикистонро дигаргун сохтанд. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистони азизи мо рӯз то рӯз ободу зебо гашта истодааст.

**Абдухолиқ ОДИНАЕВ,**
**ассистенти кафедраи омор**

# АҲАМИЯТИ НБО-И РОҒУН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Табиат барои соҳаи гидроэнергетика имкониятҳои бузурге фароҳам овардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бепоёни гидроэнергетикӣ мебошад. Захираҳои обии Тоҷикистон пиряхҳо буда, онҳо дар қуллаҳои баландтарини Осиёи Марказӣ хобидаанд. Шумораи пиряхҳо дар ҷумҳурӣ 9 ҳазору 475-то буда, масоҳати умумии майдони яхбастаи онҳо 11 ҳазор километри мураббаъ мебошад. Ҳаҷми умумии онҳо 460 километри мукааббро ташкил медиҳад.

Дарёҳои Вахш ва Панҷ аз пиряхҳои қуллаҳои Исмоили Сомонӣ (баландиаш 7495 метр), Федченко (7134 метр), Истиқлол (6974 метр), Москва (6785 метр) ва ғайраҳо сарчашма мегиранд. Шумораи умумии дарёҳо ва кӯлҳо дар Тоҷикистон зиёда аз 25000 ададро ташкил мекунанд, ки дарозии умумиашон қариб 90000 километр мебошад.

Шароити кӯҳсори Тоҷикистон барои истеҳсоли қувваи барқ хеле мусоид буда, аз нигоҳи илмӣ, дар ин ҷо сохтани неругоҳҳои барқи обӣ нисбат ба дигар давлатҳои ҷаҳон камхароҷот аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамагӣ 4-5 фоизи оби кишварамонро истифода мебарему ҳалос. Дар маҷмӯъ, 65 фоизи оби баҳри Аралро обҳои Тоҷикистон ташкил мекунанд ва боқимонда барои эҳтиёҷи давлатҳои ҳамсоя масраф мешавад.

Агар сухан дар бораи захираҳои табиӣ равад, бояд гуфт, ки дар ҷаҳон давлатҳое ҳастанд, ки аз захираҳои ҳастаӣ бой буда, онро дар истеҳсолот фаровон истифода мебаранд. Дар ҷаҳон аз рӯи истеҳсоли қувваи барқ давлатҳои Фаронса, Австралия, Канада ва Россия дар зинаҳои баланд қарор доранд. Дар як қатор кишварҳо, Россия, Эрон, Хитой, Фаронса ва Италия барои истеҳсоли қувваи барқ аз неруи ҳастаӣ (атомӣ) истифода мебаранд. Коршиносон мегӯянд, ки барқи ҳастаӣ ҳам нумуи зироати кишоварзӣ ва ҳам муҳити экологии зистро заҳролуд месозад. Давлатҳое, ки тавассути станцияи ҳастаӣ барқ истеҳсол мекунанд, мисли мо шароит ва имкониятҳои барқистеҳсолкуниро надоранд.

Дар ҷаҳони муосир симои кишвари моро иншооти азими аср, НБО-и Роғун нишон медиҳад ва он ҳар сол 13 миллиарду 1 миллион киловатт/соат қувваи барқ истеҳсол бояд кунад. Сохтмони ин неругоҳ барои эҳтиёҷоти мардуми Тоҷикистон ва минтақаро бо неруи барқ таъмин сохтану қувваи барзиёди онро ба хориҷа содир намудан аҳамияти муҳим дорад.

Неругоҳи барқи обии Роғун, ки сохтмони он ҳанӯз соли 1976 оғоз ёфта буд, яке аз бузургтарин иншооти гидроэнергетикии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт ва он дар зарфи 7-8



сол бояд сохта, ба истифода дода мешуд. Сохтмони сарбанди он соли 1987 шурӯъ гашта, то соли 1993 баландиаш ба 40 метр расида буд. Аз соли 1976 то соли 1993 корҳои зиёди сохтмони неругоҳи мазкур, аз қабили кандани нақби асосии зери сарбанду нақбҳои обпарто анҷом ёфта буд. Дар ин муддат зиёда аз 43 фоизи тамоми корҳои сохтмонии ин иншооти азим анҷом дода шуда буд. Вале баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон сохтмони он қатъ гардид.

Бунёди ин неругоҳ дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ибтикори Пешвои муаззами миллат давом дода шуд. Роғун барои ҳамагон мактаби бузурги омӯзиш, истифода ва баҳрабардорӣ ва дар айни замон равнақи иқтисодиёти Тоҷикистони имрӯзу фардо мегардад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар байни иншоотҳои мавҷудаи давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки неругоҳҳои барқ истеҳсол мекунанд, неругоҳи Роғун аз ҷиҳати иқтисодиву экологӣ афзалияти калон дорад.

Хулоса, Неругоҳи барқи обии Роғун ин:

- Манбаи ҷалби калонтарин сармояи дохиливу хориҷиест, ки истифодаи ин маблағҳо дар баробари таъмини сохтмони иншооти номбурда иқтидори даҳҳо корхонаҳои мухталифи кишвари мо ва давлатҳои Осиёи Марказиро баланд бардошта, ҳазорҳо мутахассисро ба кор ҷалб менамояд;
- Иншооти бузургтаринест, ки истифодаи маҳсулоти он чӣ дар шакли неруи барқ, чӣ дар шакли танзим ва баланд кардани кафолатнокии обтаъминкунии заминҳои бекорхобидаи давлатҳои минтақа, қиёсан арзонтару судмандтару аз ҷиҳати экологӣ ба мақсад мувофиқ буда, ба нафъи манфиатҳои ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ хизмат менамояд ва дар баланд бардоштани сатҳи иҷтимоиёти аҳолии зиёда аз 56 млн. нафараи минтақа мавқеи хосса дорад;
- Иншоотест, ки ба кор андохтани он амалӣ шудани натиҷаи саъю кӯшиш ва меҳнати зеҳнии садҳо олимону мутахассисонро ифода мекунад;
- Иншоотест, ки ҷараёни сохтмони он мутахассисони мухталифи даҳҳо давлатҳоро гирд оварда, сатҳи ҳамоҳангсозии корҳои илмию тадқиқотии истеҳсоливу саноатии онҳоро баланд бардошта, дар рушд ва вусъати муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ саҳми арзандае мегузорад, садҳо ҷавонон ихтисосу тахассусҳои мухталифро аз худ карда, соҳиби ҷойҳои кор мешаванд.

Боиси фараҳмандист, ки 16 ноябри соли 2018 оғози ба кордарории агрегати аввалини иншооти бузурги аср - Неругоҳи барқи обии Роғун баргузор мегардад, ки бо ин орзую умеди тамоми халқи тоҷик амалӣ мешавад.

**Вазира ОРИФҶОНОВА,**
**Рустам ЯҚУБОВ, устодони кафедраи фанҳои табиатшиносӣ**

# РОҒУН - КОҲИ НУР



Армони деринаи миллати сарбаланди тоҷик дар зудтарин фурсат амалӣ мешавад. Ин армон сохтмон ва ба истифода додани Неругоҳи барқи обии Роғун ба ҳисоб меравад, аниқтараш чарха (ё агрегати) аввалини он дар рӯзи 16 ноябри соли 2018. Маҳз Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷлосияи тақдирсоз, иҷлосияе, ки 26 сол муқаддам тақдири миллати сарбаланди тоҷикро ба дасти яке аз фарзандони фарзонаи он вогузошт. Фарзанде, ки нуфузу эътибори ин миллати сарбаланду тамаддунофарро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам ба қуллаҳои баландтар бурд, ки ин бевосита аз хизматҳои шоёну шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд.

Воқеан, миллати тоҷикро дар арсаи ҷаҳон маҳз тавассути хидматҳои шоёни Пешвои миллат мешиносанд ва эътироф мекунанд. Маҳз чунин талошу ғамхориҳои пайваста буд, ки миллати сарбаланду сарфарози тоҷик ба орзуи деринаи худ - сохтмон ва ба истифода додани Неругоҳи барқи обии Роғун расид.

Мусаллам аст, ки ин орзу даҳсолаҳо дар қалбу зеҳни мардуми мо парвариш ёфта, пайи амалишавии он ҳамагон саъй мекарданд. Аммо, маҳз тавассути сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, қадамҳои устувори ин абармарди дунёи сиёсат, бо дипломатияи муваффақ дар минтақа ва ҷаҳон, бо вуҷуди тамоми монеаву маҳдудиятҳои ҷиддӣ ин ормони деринаи миллати тоҷик ҷомаи амал пӯшид ва дер нест он рӯз, ки ҷумҳурии азизи мо ба истиқлолияти комили энергетикӣ мушарраф гардад.

Албатта, сохтмони НБО-и Роғун ин ягона роҳи ҳалли мушкилоти иқтисодию иҷтимоии кишвари азизи мо ба ҳисоб рафта, дар оянда ҳангоми пурра сохта ба истифода додани ин неругоҳ иқтидор ё потенсиали содиротии кишвари маҳбубамон дучанд мегардад ва мо ба яке аз кишварҳои содиркунандаи қувваи барқ дар минтақа ва ҷаҳон мубаддал мегардем.

Дар ин росто, зикр кардан ба маврид аст, ки лоиҳаи CASA-1000 яке аз имкониятҳои бузурги энергетикии кишвар ба ҳисоб рафта, метавон бо боварии комил гуфт, ки ҳангоми пурра сохта, ба истифода додани ин пружа интиқоли барқи зиёдатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя ба роҳ монда мешавад. Албатта, он рӯз дер нест, ки кишвари мо дарояндаи наздик ба яке аз содиркунандагони азими қувваи барқ мубаддал мегардад ва даромади хуберо ҳам аз содироти қувваи барқ ба даст меоварад.

Бояд гуфт, ки мавқеи Неругоҳи барқи обии Роғун басо азим аст, ки мо тавассути пурра сохтани ин неругоҳ имконияти бештар содир кардани қувваи барқро ҳосил карда, ба ин васила, маҷмӯи маҳсулоти дохилии худро дучанд менамоем ва шароити иқтисодию иҷтимоии аҳолиро беҳтар намуда, некуаҳволии онро таъмин менамоем.

Ҳамин нуктаро мебояд зикр намуд, ки дар баробари пурра сохта ба истифода додани НБО-и Роғун шумораи корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ, заводу фабрикаҳо зиёд гардида, тавассути он шумораи ҷойҳои кории холии нав ҳам бештар мегардад. Бар замми ин, манбаъҳои нави андозбандӣ зиёд шуда, ҳамчун омили асосии ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ баромад мекунанд ва бо ин роҳ кишвар дар бозорҳои дохилию беруна молҳои худро пешкаш карда, мавқеи худро дар бозори ҷаҳонӣ мустаҳкам месозад, ки ин яке аз мақсадҳои асосии стратегияи расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

**Зафар ҲАЛИМХОНОВ,**
**устоди кафедраи фаъолияти гумрукӣ**

**Маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар интиҳои асри XX аз фоҷиаи миллӣ раҳоӣ ёфта, истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид.**

# КОНСТИТУТСИЯ - ҲУҶҶАТИ САРНАВИШТСОЗ




Давлати мустақил давлатеро меноманд, ки дорои рамзҳои давлатӣ, сарҳад ва артиш мебошад. Дар баробари ин, ҳар як давлат қонуни асосӣ дорад, ки дар он ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандонаш сабт шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам китобе ҳаст, ки мо онро "Қонуни бахт", "Бахтнома" мегӯем, зеро дар ин китоб, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ном дорад, тамоми қонуниятҳои зиндагонии сокинони кишвар сабт шудааст.

Рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз, баҳамоиву оштии миллӣ, сулҳу суботи комил асоси рушди ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷомеа дар таърихи навини давлати соҳи-
бистиқлоламон мебошад. Маҳз бисту чор сол қабл Конститутсияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ниҳоят ҳассоси таърихӣ, тариқи
раъйпурсии умумихалқӣ бо иродаи кулли мардуми тоҷик қабул гарди-
да, ба ҳифзи истиқлолият ва муайян намудани пояҳо ва аркони давлату
давлатдории навини тоҷикон нақши ҳалкунанда бозид.

Мардуми шарифи Тоҷикистон бо шукргузорӣ аз доштани санади
танзимкунандаву муайянсозандаи низоми давлатдорӣ ва, муҳимтар аз
ҳама, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, истиқлолияти
давлатӣ, давлатдории миллӣ, сулҳу суботи пойдор ва дарки масъулия-
ти баланд дар назди наслҳои гузашта ва имрӯзаву ояндаи кишвар, ки
маҳз бо ташаббуси бевоситаи Сарвари оқилу хирадманди давлатамон -
Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ
Раҳмон дар амал татбиқ гардидааст, таҳкурсии давлати соҳибихтиёра-
монро мустаҳкам гузоштааст. Имрӯз мо бо итминони комил гуфта ме-
тавонем, ки ҳамаи ободиву осудагии Ватани азизу маҳбубамон ин до-
штани истиқлолияти давлатӣ ва санади асосӣ Конститутсия мебошад.

Конститутсия ин рамзи озодӣ ва мустақилияти давлати мо, шаъну
шараф ва ҳуқуқи инсонии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст. Кон-
ститутсияи Тоҷикистон шаҳсутун ва шиносномаи давлат буда, санади
тақдирсоз ва таъйинкунандаи сарнавишти мардум аст. Ба мо зарур аст,
ки ҳар як калима ва сатри Конститутсияро азизу муқаддас донем ва бо
истифода аз он дар пойдории давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ,
ягона, иҷтимоӣ ва соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳиссагузор бошем.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки дастовардҳои бузургтарини мо пас
аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намудани
сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ, таъмини рушди усту-
вори молиявию иқтисодӣ, таҳкими бехатарии ҷомеа, болоравии ҳисси
ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷики-
стон аст.

**Муниса САФАРОВА,**
**донишҷӯи курси 2, факултети молия ва қарз**

# РОҲНАМОИ ХАЛҚ



Конститутсия аввалин маротиба дар ИМА соли 1787 ва баъдан соли 1791 дар Фаронса қабул шудааст.

Тоҷикон бо таърих, фарҳанг ва адабиёти худ машҳур буда, аз ҷумлаи халқҳои қадимтарин ба шумор рафта, дорои Конститутсияи хеш мебошанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд, ки он аз 10 боб ва 100 модда иборат буда, ба он 3 маротиба 26-уми сентябри соли 1992, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид гардидааст.

Конститутсияи нав дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, дар он ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ пайдо намуданд ва зери ҳимояи давлат қарор гирифтанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Тоҷикистониён пас аз қабули конститутсияи нав роҳи бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихоб намуданд. Барпо намудани чунин давлат эҳтирому риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ваҳдат, таъмини амният ва суботи устувори ҷомеа, фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар як шаҳрвандро тақозо менамояд. Конститутсияи мамлакат, ҳамчунин заминаи ҳуқуқии иқтисодии ҷомеаи моро муайян намуда, рушду инкишофи устувори онро кафолат медиҳад. Асосҳои бунёдии ин санади таърихӣ эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи шаклҳои моликият, шароити ҳамаҷонибаи рушди муносибатҳои иқтисодиро таъмин менамояд.

Лоиҳаи Конститутсия ба муҳокимаи умумӣ гузошта шуд ва дар ин амали хайр садҳо ҳуқуқшинос, олимони ҳамаи соҳаҳо, сиёсатшиносону таърихнигорон фаъолона ширкат карда, таклифу пешниҳоди худро ба комиссияи босалоҳият расониданд. Дар натиҷа, Конститутсияе омода шуд, ки дар он низоми нави давлатдорӣ, принсипҳои таҷзияи ҳокимият ба 3 рукн: қонунгузор, иҷроия ва суд ба таври равшан ифода ёфтааст.

Умуман, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои беҳтарини конститутсияҳои мамолики пешрафтаи ҷаҳон инъикос ёфтааст.

**Суннатулло АБДУРАҲМОНОВ,**
**донишҷӯи курси 1, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ**

# ИФОДАГАРИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ



Яке аз дастовардҳои бузурги даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Конститутсия мебошад. Бо шарофати қабули Конститутсия чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ, халқи Тоҷикистонро чун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ шинохтанд. Ин санади муқаддас ва тақдирсоз мисли чароғи фурӯзон роҳи рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва мардуми онро барои садсолаҳо мунаввар мекунад.

Конститутсия тавонист ифодагари манфиатҳои халқи тоҷик бошад, омоли меҳнаткашонро инъикос намояд, тоҷиконро дар арсаи олам муаррифӣ созад.
Конститутсия барои ба сулҳу салоҳ ва
ваҳдати комил расидани тоҷикон нақши
муҳим бозид. Ин ҳуҷҷати тақдирсоз аз ҷониби коршиносони байнал-
халқӣ дар шумори панҷ конститутсияи беҳтарину мардумитарин дав-
латҳои узви Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дониста шудааст.

Боиси ифтихор аст, ки Конститутсияи кишвар дастгиру роҳнамои
мардуми тоҷик аст. Вазифаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ аз он иборат
аст, ки Конститутсияро эҳтиром ва дар асоси он кору фаъолият намо-
яд, хонад ва зиндагӣ кунад.

**Азамҷон РАФИҚЗОДА,**
**донишҷӯи курси 3, факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ**

# ОРМОНШИКАНИИ МАРДУМ ДАР НУРБАХШИИ ХОНАДОНҲОСТ

Воқеан, дар шароити муосир ҷумҳурии мо ба як кишвари рушдкардаи-
стода табдил ёфтааст. Ҳамарӯза дар мамлакат як иншооти таъйиноти истеҳ-
солию маишӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад. Яке аз ҳадафҳои
стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ба
шумор меравад. Ҳукумати кишвар бо қабул намудани як қатор барномаҳои
давлатӣ барои сохтани иншоотҳои хурду бузурги гидроэнергетикӣ шароити
мусоид фароҳам овардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебо-
шад. Коршиносон иқтидори гидроэнергетикии мамлакатро ба 527млрд кВт/
соат пешгӯӣ кардаанд. Ин маънои онро дорад, ки мо имконияти рушди
соҳаи гидроэнергетикаро дорем. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 27 соли
истиқлолият иқтидори истеҳсоли қувваи барқро бо сохтани иншоотҳои хур-
ду бузурги гидроэнергетикӣ зина ба зина афзун менамояд. Дар ин давра як
қатор иншоотҳои хурду бузурги гидроэнергетикӣ сохта шуданд. Аз он ҷумла
неругоҳҳои барқи обии Сангтӯда-1, Сангтӯда-2 (2,7млрд кВт/соат), Помир
ва ғайраҳо.

Сохтмони НБО-и Роғун бошад, яке аз иншоотҳои бузурги гидроэнер-
гетикии мамлакат ба ҳисоб меравад. Бо шарофати истиқлолият бунёди ин
иншоот дубора равнақи тоза пайдо кард. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу
ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳта-
рам Эмомалӣ Раҳмон бунёди ин иншооти таърихан муҳим аз нав шурӯъ шуд.
Барои корҳои барқарорсозӣ ва сохтмони неругоҳ дар давраи истиқлолият
зиёда аз 12,5 миллиард сомонӣ маблағ аз худ карда шудааст. Айни замон дар
ин иншоот қариб 15 ҳазор нафар мутахассисону коргар машғули кор буда,
беш аз 2100 адад техника ва мошину механизмҳо сафарбар гардидаанд.

Корҳои сохтмонии неругоҳ зери таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат
қарор дорад. Зимни сафарҳои кориашон ба ин иншооти бузурги аср Роҳбари
Давлат, пеш аз ҳама, ба сифати корҳои сохтмонӣ аҳамияти аввалиндараҷа
зоҳир мекунанд. Бо мутахассисону коргарон суҳбатҳои озоду самимӣ анҷом
дода, аз мушкилоти кори онҳо ҷиҳати иҷрои саривақтии корҳои сохтмонӣ
огаҳӣ пайдо мекарданд. Ҳамин талошҳои Пешвои миллат буд, ки сохтмони
агрегати аввали неругоҳ ба анҷом расид ва ба наздикӣ мавриди баҳрабардорӣ
қарор дода мешавад.

Барои халқи тоҷик ин рӯйдоди таърихӣ ва деринтизор аст. Ифтитоҳи
қисмати аввали неругоҳро ба тамоми мардуми кишвар муборакбод мегӯям.
Бигзор хонадони ҳар кадоми мо ҳамеша равшану пурбаракат бошад!

**Маҳмадҷон САЙДУЛОЕВ, донишҷӯи курси 4, факултети иқтисодиёт ва бизнес**

**Неругоҳи барқи обии Роғун, ки сохтмони он ҳанӯз соли 1976 оғоз ёфта буд, яке аз бузургтарин иншооти гидроэнергетикии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт.**

# ЁДЕ АЗ ФАЪОЛИЯТИ БОРГОҲИ МОЛИЯЮ ИҚТИСОД

## Бахшида ба 75-солагии собиқ техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе

Имрӯзҳо 75-солагии собиқ техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе ҷашн гирифта мешавад. Банда чун яке аз кормандони собиқадори он дар арафаи ин ҷашн мехостам авроқи хотиротамро варақ зада аз гузаштаи начандон дури ин таълимгоҳ, роҳбарон, кормандон ва рӯзҳои нахустини ба ин махзани илму адаб ба кор омаданам, ба хотири эҳтиром ва ёди хотираҳои ширин, чанд сухане рӯи коғаз оварам.

Тахминан моҳҳои сентябри соли 1977-ум буд, он вақт бистсола будам. Аз чойхонаи «Роҳат» ҳамроҳи ҳамсинфам Холмуҳаммад ба ҷустуҷӯи кор баромадем. Мо бо ҳам маслиҳат намуда, то шаҳраки Гипрозем рафта, пасон аз он ҷо ба корҷӯӣ шурӯъ кардем. Ҳамин тавр, пурсуҷӯи корро аз техникуми савдои советӣ оғоз намудем. Вале ҷустуҷӯи мо дар ин ҷо натиҷа надод ва мо аз ин таълимгоҳ баромада, ба техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе рафтем. Ҳангоми аз назди хобгоҳи техникум гузаштанамон бо марди миёнақади чолоку гандумгуни ҳалим, ки дар назди хобгоҳ ҳамроҳи донишҷӯён кор мекард, вохӯрдем ва аз ӯ роҳбари таълимгоҳро пурсон шудем.

Ба саволи мо бо суол ҷавоб доданд, ки роҳбари муассиса барои чӣ лозиманд. Мо мақсадамонро фаҳмондем. Мард аз мо ихтисосамонро пурсон шуд.

Дар посух ба саволи он кас гуфтем, ки донишгоҳи миллиро бо ихтисоси филолог хатм намудаем. Баъди каме андеша устод гуфтанд:

- Соати нуҳи пагоҳӣ назди роҳбари таълимгоҳ биёед, баъдан маслиҳат мекунем ва агар лозим шавад, шуморо ба ягон кор вобаста мекунем.

Бо ин марди хирад хайрухуш намуда рафтем. Рӯзи дигар ба қабули роҳбари таълимгоҳ танҳо омадам. Баробари вориди утоқи корӣ шудан, дидам, ки ҳамон марди нуронии дирӯза дар утоқи кории роҳбар нишаставу бо табассуми малеҳ таклифи нишастанамро дорад.

Банда саравал аз он ки дирӯз роҳбари муассисаро нашинохтаам, узр пурсидам. Аммо дар ҷавоб устод гуфтанд:

- Ҳеҷ гап не, аз суҳбати дирӯза ягон иштибоҳе дар хаёлам нагузаштааст. Азбаски мо дар назди хобгоҳ суҳбати озод доштем, барои худро муаррифӣ намудан ягон зарурат набуд, бинобар ин ба шумо гуфтам, ки пагоҳ назди роҳбар дароед.

Дар рафти суҳбат устод гуфтанд:

- Аслан, дар техникум ягон ҷойи кори холӣ нест, лекин баъд аз як ҳафта мудири шуъбаи хоҷагиамон ба дигар кор мегузарад, агар шумо розӣ бошед, мо шуморо ба ҳамин вазифа пешниҳод мекунем ва дар ин баробар 0,5 воҳиди корӣ дарс ҳам медиҳем, ба ин фикр чӣ гуфтаниед?

Дар ҷавоб гуфтам:

- Муаллимҷон, ман ба фикри шумо розӣ, лекин аз уҳдаи ин кор мебаромада бошам, зеро дар бораи он ягон тасаввуроте надорам. Агар шумо ҳамчун устоду падар ёрирасонам бошед, ман ба ин вазифа тайёрам!

Дар анҷом сарвари техникум шодравон Каримов Азиз Ҳоҷиевич гуфт:

- Ин тавр ки бошад, худи ҳозир аризаи ба кор қабул шуданатонро нависед.

Ҳамин тавр, пас аз як ҳафта ба кор шурӯъ намудам...

Бароям мояи ифтихору сарбаландист, ки аз ҳамон сол то ба имрӯз дар ин махзани илму дониш кору фаъолият менамоям. Ногуфта намонад, ки тайи солҳои мавҷудияти худ техникуми номбурда панҷ маротиба ивази ном кардааст.

Аввалан, техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе буд, баъдан, коллеҷи молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе, аз он пас, Донишкадаи молияи Тоҷикистон, маротибаи чаҳорум (бо муттаҳидшавии ду муассисаи олии таълимӣ - Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон ва Донишкадаи молияи Тоҷикистон) ба Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон табдил ёфт ва ниҳоят, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номгузорӣ шуд, ки имрӯз ҳам дарҳои он ба рӯи фарзандони миллат барои омӯхтани илму ҳунар боз аст.

Маврид ба ёдоварист, ки коллеҷи молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе ҳамчун техникуми молиявӣ-иқтисодӣ дар соли 1973 тибқи қарори КМ ПК Тоҷикистон, Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон аз 22 октябри соли 1969 ва мактуби Вазорати маорифи СССР аз 21 августи соли 1972 таҳти №92-0-680 (09-06-11) аз нав ташкил ёфтааст.



**Каримов Азиз Ҳоҷиевич, директори техникум, солҳои 1973-1988**

Техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе дар давоми солҳои фаъолияташ дорои ихтисосҳои зерин буд, ба мисли баҳисобгирии муҳосибавӣ дар корхонаҳои саноатӣ, баҳисобгирии муҳосибавӣ дар корхонаҳои буҷавӣ, баҳисобгирии амалиёти техникӣ дар бонкҳои давлатӣ, баҳисобгирии амалиёти техникӣ дар амонатбонкҳо, суғурта, буҷети давлатӣ, даромади буҷавӣ, ҳуқуқшиносӣ, муомилоти пулию қарзӣ, ки аз рӯи ин ихтисосҳо мутахассисони баландпояро омода сохтааст.

Дар тӯли фаъолияти техникуми номбурда ҳазорҳо мутахассисони соҳаи молия ва иқтисод онро хатм намудаанд, ки дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он кор мекунанд. Ин кушки ҳисобу китоб дастпарварони номдоре, ба монанди шодравонон Абдулов Карим, собиқ роҳбари дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳалимов А.Ҳ., д. и. и., Изатулло Ҳаёев, собиқ раиси Шӯрои вазирон, Лафизов Ҷонибек, собиқ вазири молия, инчунин Сафаров Муҳибулло, мушовири Президент, Шарипов Набиҷон, корманди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Файзализода Назаралӣ, ҷонишини раиси Палатаи ҳисоб, Момогули Маҳмадюсуф, сармуҳаррири маҷаллаи «Молия ва ҳисобдорӣ» ва боз дигаронро тарбия намуд, ки онҳо дар соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доштанду имрӯз ҳам сарбаландона меҳнати софдилона доранд.

Хушбахтона, тӯли 30 соли фаъолияти омӯзгориам дар ин таълимгоҳ бо устодоне чун роҳбари собиқи коллеҷ шодравон Каримов Азиз, мудири шуъбаи ғоибона, равоншод Додоҷонов Муқим, собиқ роҳбари коллеҷ Қобилов Бахтиёр, собиқ ҷонишинони роҳбар Абдуллоев Неъматулло, Мансуров Ғолиб, собиқ мудири шуъбаи рӯзона Раҳимов Зокирҷон ва омӯзгорони пуртаҷриба (рӯҳашон шод бод!) Ҳабибов Хайрулло, Мирзоев Тоҳир, омӯзорони ҳозира Оймаҳмадов Гулмуҳаммад, Бердиев Очилдӣ, Тошбоев Абдуназар ва бо дигар устодон ҳамкорӣ намуда, аз хирмани маърифати эшон баҳраи зиёде бардоштаам.

Ниҳоят, дар фароварди сухан, устодону донишҷӯёни ин даргоҳи муқаддасро сидқан табрик намуда, таманно менамоям, ки ин кушки илми ҳисобу китоб мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир омода созад ва ба роҳбарону устодони арзандаи он барори кору фаъолияти хубро орзу дорам ва ин меҳрномаи худро бо ин мисраъҳо ҳусни анҷом мебахшам:

**Дар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,**
**Ки ҷуз накуии аҳли карам нахоҳад монд.**



**Бинои техникум, соли 1973**

**Шарифи ГУЛЗОД,**
**омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ,**
**Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХӢ - РӮЙДОДИ БЕНАЗИР

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи халқу миллати тоҷик воқеаи сиёсию тақдирсоз ба ҳисоб рафта, дар он қувваҳои солими ҷомеа якҷо гашта, имконияти ризоияти ҷомеа ва имзои сулҳ ба даст оварда шуд.

Воқеан ҳам, барои таъмини ваҳдати миллӣ қадами нахустину устувор дар ин иҷлосия гузошта шуд. Зеро Тоҷикистон дар коми оташи ҷанги шаҳрвандӣ буд ва хатари нобудшавии давлати соҳибистиқлол вуҷуд дошт.

Чуноне ки олими рус Проэктор Д.М. қайд мекунад, дар баъзе марҳилаҳои таърихӣ шуури ҷамъиятӣ аз ҳастии ҷамъиятӣ қафо мемонад. Дар чунин лаҳзаҳо буҳронҳо ва қабули қарорҳои нодуруст ба амал меоянд. Ин гуфтаи олими рус ба воқеияти ҳамонвақта дуруст буд. Яъне, дарки воқеият барои ҷомеа ҳанӯз мушкилӣ дошт. Фалаҷи ҳокимияти сиёсӣ, ки дар натиҷаи таҳрики қувваҳои беруна ва амали хоинонаи қувваҳои дохилӣ ба вуҷуд омада буд, боиси хунрезӣ, қатлу куштор ва, дар маҷмӯъ, аз байн рафтани ҳама гуна арзишҳои вобаста ба эҳтироми қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ гашта буд. Дар натиҷа буҳрони шадиди ҳокимият ба вуҷуд омада, кишварро хатари ҷиддии парокандагӣ таҳдид мекард.

Имрӯз метавон баргузории Иҷлосияи XVI-ро ҳамчун раванде маънидод намуд, ки вобаста ба хусусияти авзои сиёсии замон нофаҳмӣ ва зиддиятҳои мавҷудаи байни намояндагони мардумиро марҳила ба марҳила ҳал ва муваффақияти кори худро таъмин намуд. Саъю талошҳои фаровони Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун феномени Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар он замони ҳассос натиҷаи хуб дод ва Тоҷикистон ба марҳилаи сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ расид. Марҳилаи созиши миллӣ дар таърихи ватанӣ ҳодисаи фаромӯшнашаванда маҳсуб меёбад ва дар ин марҳила нақши Сарвари давлат беназир аст. Агар кӯшишу заҳматҳои доимии Эмомалӣ Раҳмон намебуданд, на танҳо ба созиш ва ваҳдати миллӣ намерасидем, балки қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли Афғонистон майдони тохтутозҳои худхоҳону бегонагон мешуд. Ба ин масъала сарсарӣ ва сатҳӣ набояд нигарист.

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон наздик ба 200 соли охир дар оташи даргириҳои дохилӣ месӯзад ва ба ҷойи хомӯш шудан низоъҳо аз нав шуълавар мешаванд ва мардуми минтақаро дар мусибату фоҷиа нигаҳ медоранд. Мардуми Афғонистон дар орзуи сулҳу ваҳдат ба сар мебаранд ва ҳарчанд Ҳукумати ваҳдати миллӣ таъсис ёфтааст, вале ноҳамгунию ноҷӯриҳои зиёде ин ҳукуматро ҳамсафарӣ мекунанд.

Маҳз Пешвои муаззами мо Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз нимаи дуюми солҳои навадуми асри гузашта ҳалли мусолиматомези мушкилоти Афғонистонро ба мақомоти баланди сиёсии ҷаҳонӣ ва, умуман, ҷомеаи ҷаҳонӣ мерасонанд. Ин маънии онро дорад, ки Сарвари давлати тоҷикон ҳамеша бар пояи гуманизм ва эҳтироми мардумӣ андеша ронда, мушкилоти Афғонистонро мушкили минтақавӣ ва глобалӣ дониста, тадриҷан тавсеа ва вусъат ёфтани зуҳуроти манфури терроризм, радикализм ва фундаментализми динию мазҳабиро дар миқёси байналмилалӣ ба нодида гирифтани масоили вобаста ба ин кишвар марбут медонанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, таҷрибаи сулҳу ваҳдати миллии Эмомалӣ Раҳмон барои минтақа ва ҷаҳон дар ҳалли мунокишаҳои миллию мардумӣ ва динию сиёсӣ дар ҳар шакле омӯзанда аст. Танҳо як иқдоми ҳадафмандона ва пайгиронаи Сарвари давлат, ки тамомияти арзию ҳудудӣ ва ризоияту ҳамдигарфаҳмии миллиро тавассути сулҳу ваҳдат таъмин намуд, басанда аст, то номаш дар таърихи ватанӣ ва ҷаҳонӣ абадан сабт гардад. Ба ин масъала ояндагон низ баҳои воқеӣ хоҳанд дод.

**Зулфия АҚРАМОВА,**
**Саидаҳрор ФАЙЗАЛИЕВ,**
**устодони кафедраи**
**забонҳои хориҷӣ**

**Аввалин неругоҳи калон дар даврони соҳибистиқлолӣ неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» дар силсилаи неругоҳҳои барқи обии Вахш панҷум буда, ҳар сол 2 миллиарду 733 миллион киловатт/соат қувваи барқ истеҳсол мекунад.**

# ДАР БОБИ САХОВАТМАНДӢ



Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯзҳо шахсони саховатманд бо бунёду таъмири иншооти гуногун, роҳҳо, пулҳо саҳми муносиби худро дар ободии кишвар гузошта, ба камбағалон дасти ёрӣ дароз менамоянд.

Агар аз нуктаи назари дини мубини ислом назар намоем, саховатманде, ки қарзи гирифтаи ягон камбағалро мебахшад, ё ки аз корхои бад парҳез мекунад, Худованд барои ӯ подоши муносибе медиҳад. Саховатманде, ки неъматҳои бисёр дорад ва онҳоро дар роҳи хайр сарф менамояд, Офаридагор низ аз корҳои кардаи ӯ хушнуд мешавад.

Ба ду шахс ҳасад ва рашк бурда намешавад, марде, ки Худо ба ӯ моли бисёре додааст ва он молро дар роҳи Худо сарф мекунад ва марде, ки Худованд ба ӯ илм ва ҳикмате додааст, ки ба он амал мекунад ва ба мардум низ меомӯзад.

Аз ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки Пайғамбар (с) фармудаанд: «Ҷуз ба ду халқ ҳасад бурда намешавад: шахсе, ки шабу рӯз Қуръон мехонад ва ба дигарон онро таълим медиҳад, дуюм шахсе, ки Худованд ба ӯ моли бисёре медиҳад ва онро шабу рӯз ба ҳар кас мебахшад. Бузургии сарватманди шокир дар он аст, ки мисли камбағалон намоз мехонад, рӯза мегирад, ғуломро озод мекунад ва беҳтарин корҳояш он аст, ки молашро дар роҳи хайр сарф менамояд».

Хайру сахо кардан имрӯзҳо низ ба анъана даромадааст ва яке аз амалҳои писандидаи аксарияти аҳолии кишвар мебошад. Аз ин рӯ, ба дигарон некӣ кардану дасти ниёзмандонро гирифтанро набояд фаромӯш намоем.

**Муҳаммад ЭМОМОВ,**
**муаллими калони**
**кафедраи таҳлили иқтисодӣ**

# БОВАРИЮ ИФТИХОР БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Сиёсати миллии ҳар як кишвари соҳибистиқлол хусусияти хоси худро доро буда, мазмуни асосии он дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангию сиёсӣ ва рамзу анъанаҳои миллӣ тачассум меёбад. Ҳамаи ин заминаи муҳим барои дарки худшиносӣ ва комёб гардидан ба пешрафту дастовардҳои кишвар мебошад. Аз ин рӯ, Рӯзи Президент, ки 16 ноябр дар тамоми қаламрави Тоҷикистон қайд карда мешавад, иқдоми некест барои арҷгузорӣ ва ифтихор доштан аз Тоҷикистони азиз, Истиқлолияти пойдор ва қадршиносӣ аз заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат.

Ҳамзамон Пешвои миллат эътироф шудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолӣ нишонаи муттаҳидӣ ва якпорчагии миллат мебошад. Роҳбари давлат дар заминаи талошҳо бахри таъмини оромии кишвар, пойдории сулҳу салох, таҳкими амнияти миллӣ, ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим, пешбурди сиёсати хориҷӣ тавонист ба эътирофи бузурги умумимиллӣ мушарраф гардад. Эътирофи шахсият ҳамчун Пешвои миллат, пеш аз ҳама, нишонаи тақвияти эътимод ба фаъолияти шахсиятест, ки шуҷоатманд аст ва иродаи қавӣ дорад. Эмомалӣ Раҳмон шахсиятест, ки ҳамаи тавоноиҳои худро ба сурати комил ба миллат бахшидааст.

Хуллас, хизматҳои шоёни мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди тағйироти нави бунёдкориву созандагӣ, аз ҷумла, бунёди неругоҳҳои барқӣ, кушодану васли роҳу нақбҳо, ғанӣ гардонидани ифтихори миллӣ, вусъат бахшидан ба вазъи таълиму тарбия ва тандурустӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Дар баробари ин, Президенти кишвар дар иншои асарҳои гуногуни таърихиву фарҳангии миллат ва зиндаву ҷовид гардонидани чеҳраҳои мондагори илмию адабӣ, қаҳрамонони миллат ва сарнавишти мардуми тоҷик саҳм дошта, бо пешниҳоду ташаббусҳои байналмилалӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ мақоми хосса дорад, ки ин маҳбубият ва танҳо боиси боварию эътиқоди мардуми Тоҷикистон, балки ифтихори тамоми тоҷикони ҷаҳон аст.

**Манзура ТОЛИБОВА,**
**мудири синфхонаи**
**лингофонӣ**

# ОҚИБАТҲОИ ХАТАРНОКИ БЕОБӢ

Имрӯзҳо дар ҷаҳон проблемахое вуҷуд доранд, ки одамон дар ҳалли онҳо душворӣ мекашанд. Ҳарчанд илму техника тараққӣ кардааст, вале бо вуҷуди ин, баъзе мушкилиҳои глобалӣ ҳал нагардидаанд. Аз ҷумла, силоҳҳои химиявию бактериологӣ, ҳар гуна вирусу касалиҳои сироятӣ, ифлосшавии биосфера, бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва ғайра бисёр хатарноканд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ низ аз бартараф нашудани ин гуна масъалаҳо изҳори нигаронӣ менамояд. Давлатҳое ҳастанд, ки ҳаракат мекунанд ин мушкилотро ҳар чӣ зудтар бартараф намоянд.

Яке аз чунин мушкилиҳо кам будани оби ошомиданӣ мебошад. Дар бисёр минтақа ва гӯшаҳои ҷаҳон оби ошомиданӣ камёфт буда, мардуми он мамолик хеле ранҷ мекашанд. Одамон маҷбуранд обхои ифлосро истеъмол намоянд. Истифодаи ин гуна обҳо ба саломатии инсон зарар дорад, зеро тамоми микробу вирус ва касалиҳо дар дохили чунин обҳои ифлос вуҷуд доранд, ки боиси бавуҷудоии касалиҳои сироятӣ мегарданд. Хусусан, давлатҳои қитъаи Африко, ки иқлимаш гарм ва релефаш дашту биёбон аст, ба чунин проблемаҳои сахт дучор гаштаанд. Ҳазорон одамон аз ҳамин сабаб мефавтанд, ки инро мо ҳар рӯз тавассути телевизион, радио, шабакаи ҷаҳонии интернет ва дигар воситаҳои ахбор мебинему мешунавем. Пас, чӣ бояд кард, ки чунин проблемаҳо бартараф гарданд?

Инсон, аллакай, тавассути илму дониш ва технологияи навтарину муосири худ 70%-и табиатро истифода кардааст. Сабаби ин мушкилот аз ҳамин ҷо сар мезанад, чунки тамоми техникаву технология ва заводҳои кимиёвӣ дар рафти истифодаву фаъолият дудҳо ва моддаҳои заҳрнокро дар ҳаво хориҷ мекунанд. Ин моддаҳои захролуд дар ҳаво пахн шуда, як қабатеро ҳосил мекунанд, ки таркибаш гази карбон (С) буда, аз худ гармиро намегузаронад ва курраи замин ба як гармхонае табдил меёбад. Пиряххо ва куллаҳои барфпӯш аз сабаби гармии зиёд об шуда, манбаи обҳои мусаффо нобуд мешаванд. Сарчашмаи беобӣ ва мушкилот аз ҳамин ҷо сар мезанад, аммо бояд инро пешгирӣ намоем. Тоҷикистони азизамон аз чиҳати захираҳои обҳои соф хеле бой аст ва мо бояд ин захираҳоро оқилона истифода барем.

Тавре медонем, давраи солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон гардида, он аз 22-юми марти соли 2018 шурӯъ шуд. Дар муддати ин солҳо захираҳои обӣ дар тамоми дунё бояд зиёд карда шаванд. Хулоса, чӣ қадаре ки мо оид ба ин мушкилиҳо ҳарф занем, охир надорад, аммо пешгирии ин проблемаҳо хатмист. Роҳҳои гуногуне ҳастанд, ки тавассути онҳо ин мушкилот бояд пешгирӣ карда шаванд, ба монанди истифодаи оқилонаи технологияву заводҳои кимиёвӣ, несту нобуд накардани ҷангалзорҳо, шинонидани ниҳолҳо ва зиёд намудани дарахтони гуногун, тоза нигаҳдории обҳо ва ғайра.

Мо бояд обро мисли гавҳараки чашм нигаҳ дорем. Он ҷӯйчае, ки аз пеши хонаи мо мегузарад, набояд ифлос бошад. Мутаассифона, имрӯзҳо мардум тозагиро пурра риоя намекунанд. Мо - ҷавонон бояд тавассути донишу малакаи худ мисли Пешвои миллатамон рафтор намуда, оиндаро барои наслҳо устувор ва равшан созем.

**Саидмахмад**
**МАҲМАДСАИДОВ,**
**донишҷӯи курси 2, факултети ҳисобдорӣ ва омор**

# САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН РУШД МЕКУНАД

Дар ҷаҳони муосир соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки дар рушду инкишофи на танҳо иқтисодиёт, фарҳанг, маданият саҳм мегузорад, балки ба даромади назаррасе иқтисодии соҳибкорон, буҷаи давлат ва ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат менамояд. Оид ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳаи нақлиёт, инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, афзоиши ҳаҷми сохтмону иншооти босифат ва савдо дар натиҷаи ривоҷу равнақи соҳаи сайёҳӣ ҳоҷат ба зикр намудан нест.

Дар ин замина, Тоҷикистони соҳибистиқлол низ яке аз кишварҳоест, ки қадамҳои худро ба ин соҳа гузоштаву барои рушди он тадбиру чораҳои мушаххас андешида истодааст. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи рушди сайёҳӣ барои солҳои 2009-2019 қабул гардидааст, ки барои ташаккули соҳаи мазкур пешбинӣ карда шуда, мувофиқи он то соли 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша дорад, ки беш аз 1 млн сайёҳро дар оғӯши худ қабул намояд. Барои инкишофи ин соҳа кишвари мо аз лиҳози табиат, иқлим ва мавзеъҳои таърихию истироҳатӣ бою ғанӣ буда, афсункори он барои сайёҳон аз ҷиҳатҳои гуногун метавонад шавқовару дилкаш бошад.

Тоҷикистон - кишвари қуллаҳои баланду осмонбӯс, чашмаҳои софу зулол, ҷӯйҳои равон, кӯлҳои зебоишон нотакрор ва растаниҳои камёбу ҷонварҳои нодир мебошад. Дар ин ҷо дар зарфи якуним соат парвоз аз гармои токатфарсои водии Вахш инсон метавонад худро дар сардиҳои пурбарфи Помир пайдо намояд. Дар ҷумҳурӣ 125 иншооти сайёҳӣ, осоиши-табобатӣ ва



мавзеъҳои истироҳатӣ фаъолият мекунад, ки қисмати зиёди онҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ ҷойгиранд.

Дар ҳудуди ҷумҳурӣ тақрибан 200 чашмаи минералӣ ва гармчашма ҳаст, ки дар заминаи онҳо самти осоишӣ-табобатии сайёҳӣ рушд менамояд. Машҳуртарини онҳо «Хоҷа Обигарм», осоишгоҳи «Шоҳамбарӣ», «Оби гарм», «Зумрад», «Ҳавотоғ» мебошанд.

Сайёҳоне, ки ба самти ҷануби кишвар сафар мекунанд, низ аз таассурот аҷиб бенасиб нахоҳанд шуд. Шаҳри Кӯлоб яке аз шаҳрҳои қадимтарини Осиёи Миёна мебошад, ки соли 2006 2700-солагии он дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил гардид. Қалъаи Ҳулбук, кӯҳи Хоҷа-Муъмин бо ғорҳои қадимааш, Мазори Чилдухтарон, Оромгоҳи мутафаккири бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз муҳимтарин мавзеъҳои таърихии ин шаҳри қадима мебошанд.

Хулоса, Тоҷикистон имконияти беҳтарини рушди соҳаи сайёҳиро доро мебошад.

**Худойбердӣ ҚОДИРОВ,**
**донишҷӯи курси 2, факултети**
**муносибатҳои иқтисоди**
**байналмилалӣ**

# ҶОЛИБИЯТИ ТАБИАТИ ТОҶИКИСТОН

Ҳар боре, ки номи Ватанро ба забон меорам, дар дилам меҳру муҳаббат нисбат ба он меафзояд. Зеро худро дар оғӯши чунин Ватани ободу зебо ба монанди булбуле, ки дар фасли баҳорон миёни боғу бӯстон ҳамроҳи гулҳои баҳорӣ зиндагонӣ мекунад, эҳсос менамоям. Ҳамзамон, вуҷудамро эҳсосоти аҷибе фаро мегирад.

Тоҷикистон соҳибистиқлол ва меҳрофарину дилфиреб аст. Равшан аст, ки кишвари пурганҷу пуръэъҷоз ва пурсарвату бой аз захираҳои табиӣ дорем мо.

Боигарии асосии ин кишвари дилфиреб табиати нотакрораш мебошад. Чун имсол Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидааст, ба инкишофи ин соҳа ахамияти бештар дода мешавад. Соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани



аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Инкишофёбии соҳа ба ҷалби сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Тибқи арзёбии созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳоло Тоҷикистон аз лиҳози низоми содаи гирифтани раводиди сайёҳӣ дар рӯйхати панҷ кишвари пешсафи ҷаҳон мавқеи чорумро ишғол менамояд.

Ҳамчун як ҷавони Тоҷикистон шукрона аз он мекунам, ки дар чунин диёри зебоманзару дорои табиати дилфиреб зиндагӣ мекунам ва ба ҳамсолони худ тавсия медиҳам, ки аз ин меҳани азизи дилрабо шукрона намуда, бо баҳои хубу аъло таҳсил намоянд ва дар оянда номбардори ин ватани азизу маҳбуб гарданду онро ҳифз намоянд.

**Сулаймон НАЗАРОВ,**
**донишҷӯи курси 1,**
**факултети менеҷмент**
**ва ҳуқуқи иқтисодӣ**

Иқтидори лоиҳавии Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» 220 мегаваттро ташкил медиҳад.

# ЗОДРӮЗ МУБОРАК!

## Вазира Орифҷоноваи азизу арҷманд!

Шуморо ба шарофати мавлуди Паёмбариатон, яъне даврони авҷи камолотатон самимона муборакбод гуфта, таманнои онро дорем, ки қалби пурэҳсонатон ҳамеша зери партави анвори муваффақиятҳо битапад. **Шодмону сарбаланд бимонед!**

**Шукӯҳи шасту се соли Паямбар,**
**Ҳумоюн бодат, эй инсони комил.**
**Ҳамин миқдор файз з-ин пас фузун бод,**
**Ба ҳар соат туро, эй фарди оқил.**

## Саодат Гадоева, Хайринисо Ҷураева ва София Темурбекова!

Ҷашни фархундаи зодрӯзатонро сидқан шодбош гуфта, таманнои онро дорем, ки бахт ҳамеша шуморо ёр, тақдир мададгор ва Худо нигаҳдор бошад. Сари сабзу қадами сабзи шумо орзуи ҳамешагии мост!

**Фақат бошад табассум дар лабонат,**
**Илоҳо, дард набинад ҷисму ҷонат.**
**Расад сад сол умратро баҳорон,**
**Умеду орзу бинӣ умре ту хандон.**

## Муҳтарам Фахриддин Убайдов!

40

Зодрӯзи фархундаатонро аз сидқи дил муборакбод гуфта, таманно мекунем, ки Худованд ба Шумо сарсабзӣ, умри ҷовидонаву хушбахтии безаволро ҳадя намояд. Аз даргоҳи Офаридгор талаб менамоем, ки ҳамеша шуморо саодатманду неруманд ва толеъбаланду фараҳманд дар паноҳаш нигоҳ дорад.

**Роҳат ба диёри нур бодо,**
**Аз дарду ано ба дур бодо!**
**Ҳар лаҳзаи умри босафоят**
**Моро нафаси сурур бодо!**

ХУШХАБАР

# ДУ ДИПЛОМИ МАДАСАН

Мадасан Ашрафхонов, донишҷӯи курси 3-юми факултети МИБ, ихтисоси ҳадамоти гумрук ин навбат низ дар мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ иштирок намуда, сазовори ҷойи аввал гардид.



Аз 22 то 23 сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Оши Ҷумҳурии Қирғизистон бо ташаббуси Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши шаҳри Ош мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гӯштини тарзи озод баргузор гардид. Дар он намояндагони кишварҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистону Қирғизистон ва Тоҷикистону Ӯзбекистон ширкат варзиданд.

Кишвари моро дастаи 12-нафараи варзишгарон муаррифӣ намуданд. Боиси ифтихор аст, ки Мадасан дар вазни 71 кг баромад намуда, чор нафар ҳарифи худро мағлуб намуд. Дар даври финалӣ рақобати ӯ бо варзишгари қирғизистонӣ сурат гирифт, ки дар натиҷа бо нишондоди 10 бар 0 ғолибияти мутлақ насиби Мадасан гардид.

Инчунин, санаи 18-22 октябри соли равон боз ҳам дар шаҳри Ош мусобиқаи байналмилалии варзишӣ дар байни калонсолон доир гардид. Дар он сабқат низ ба М. Ашрафхонов муяссар шуд, ки бо мағлуб намудани ҳарифони худ аз кишварҳои ҳамсоя сазовори диплом барои ҷойи якум ва медал гардад.

Маврид ба ёдоварист, ки Мадасан дастпарвари мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ буда, 8 сол мешавад, ки ба намуди варзиши гӯштини тарзи озод машғул аст. Устоди варзиши ҷумҳурӣ буда, пайваста барои такмили маҳорати худ тамрин менамояд.

**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

# ХАНДАРЕЗ

Донишҷӯ ба ошхона даромада, аз ошпаз дархост мекунад:
- Ду ҳасибча.
Ошпаз:
- Оҳо, имрӯз базми шикам дорӣ-ку!
Донишҷӯ илова мекунад.
- Ва шонздаҳ чангак диҳед.

***

Профессор дар кӯча бо донишҷӯ рӯ ба рӯ мешавад.
- Чаро шумо дигар ба лексия наомадед?
- Аз рафтану навиштани ман фоидае нест, устод, - ҷавоб медиҳад донишҷӯ.
- Чаро фоидае нест? - ҳайрон мешавад профессор.
- Охир, ман хати худамро хонда наметавонам, устод - ҷавоб медиҳад донишҷӯ.

***

Омӯзгор ба донишҷӯ:
- Насаби шумо?
- Маҳмадов (табассум мекунад)
- Чаро табассум мекунӣ? - мепурсад устод.
-Шодам, ки ба саволи якуминатон посух гуфтам.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии Ойматов Файзиддин Шомаҳмадович, донишҷӯи курси 4, факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, шуъбаи рӯзона, ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии Каримов Ҳасан Раҳматшоевич, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси кори бонкии факултети молия ва бонкии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии Раҳмонқулов Ғоибназар Дилшодович, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси кори бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии Розиқов Толибҷон Шарофиддинович, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси молияи факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

# ОБУНА – 2019

Рӯзномаи «Молия ва иқтисод» фарогирандаи тамоми масоили донишгоҳ буда, моҳе ду маротиба чоп мешавад. Маъракаи обуна ба рӯзнома оғоз гардидааст. Обуна шудан ба «Молия ва иқтисод» дастрасӣ ба маводи ҷолибу хонданӣ ва ғанӣ гардондани ҷаҳони маънавиёт, фарҳанг, иқтисодиёт ва дарёфти ҳаҷви гуворост.



**Хонандаи гиромӣ, нархи обуна тағйир наёфта, барои як сол ҳамагӣ 25 сомонӣ мебошад.**

**Аз обунашавӣ ба «Молия ва иқтисод» дар канор намонед.**

**Нусхаи расиди (квитансия) пардохти маблағи обунаро ба шуъбаи табъу нашр пешниҳод намоед.**

# ГУФТОРҲОИ ҲИКМАТОМЕЗИ ҲЕМИНГУЭЙ

1. Бо афзудани синну сол одамон доно намешаванд, танҳо эҳтиёткор мегарданд.
2. Хоксорӣ нанг нест ва аз ҳиммати баланд чизе кам намекунад.
3. Ҳеҷ кас набояд дар пирӣ танҳо бошад, аммо ин амр ногузир аст.
4. Чаро куҳансолон ин қадар барвақт бедор мешаванд? Магар барои он ки ақаллан ҳамин рӯзашонро дарозтар кунанд?!
5. Ҳарчанд ҷойи истиқоматро борҳо иваз мекунӣ, аз худ фирор карда наметавонӣ.

## КРОССВОРДИ “РОҒУН”




**Кроссвордро пур карда, метавонед номи силсиланеругоҳҳои дарёи Вахшро ҳосил кунед.**

**Омодасоз:**
**Шарафҷони Абдусамад,**
**донишҷӯи курси 2, факултети МИБ**

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Ашуров Ғиёсиддин Маҳмадмуродович, н.и.и., мудири кафедраи фаъолияти бонкии донишгоҳ нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан
Молия ва иқтисод
Муассис:
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**
**Машҳура Абдуллоева**
**Котиби масъул:**
**Саъдулло Носиров**
**Муҳаррирон:**
**Раъно Ҳакимова**
**Насрулло Тӯйчизода**
**Наврӯз Ҷобиров**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №097/рз-97 аз 15 октябри соли 2018 ба ҳисоб гирифта шудааст.
**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14**
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи **Arial Tj**, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ матолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

**Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.**
**Теъдоди нашр 4200**
**Нархаш шартномавӣ**

www.tgfeu.tj
E-mail: gazetadmit@tgfeu.tj
**Телефон: 988 – 16 – 51- 57**